ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна дар мавзуи «Хусусиятҳои савтӣ ва луғавию фразеологии матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон»» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ

Медиалингвистика ё забоншиносии васоили мувосилот ё забоншиносии расонаҳо дар баробари забоншиносии қавмӣ, забоншиносии равонӣ, забоншиносии иҷтимоӣ, забоншиносии сиёсӣ, забоншиносии ҳуқуқӣ ва ғайра аз равияҳои нисбатан нави забоншиносист, ки дар кишвари мо низ таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст.

Диссертатсияи Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна дар ҳамин замина таълиф шудааст ва дар он мавзуи муҳимми илмии таҳқиқи вежагиҳои забонии матни барномаҳои фарҳангию фароғатии радиои «Тоҷикистон» матраҳ гардидааст, ки дар рӯзгори имрӯзаи соҳибдавлатӣ ва соҳибзабонӣ беш аз пеш аҳаммият пайдо кардааст.

Мавзуъ ва мазмуну муҳтавои диссертатсияи Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01. – Забони тоҷикӣ муайян шудаанд, мувофиқат менамояд.

Иқдоми унвонҷӯ Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна, ки дар диссертатсияи мавриди назар хусусиятҳои савтӣ ва луғавию фразеологии матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон»-ро мавриди таҳлили забоншиносӣ қарор додааст, шоистаи таҳсин арзёбӣ мешавад.

Навгонии диссертатсия беш аз ҳама дар он ба мушоҳида мерасад, ки дар диссертатсия бори нахуст дар асоси барномаҳои фарҳангию фароғатии радиои «Тоҷикистон» хусусиятҳои забони зинда ва услуби забон, риояи меъёри забон дар интихоб ва истифодаи воҳидҳои забон мавриди пажуҳиши густурда қарор гирифтааст. Метавон гуфт бори аввал дар диссертатсияи мавриди назар унсурҳои савтӣ, луғавӣ ва фразеологии матни барномаҳои фарҳангию фароғатии радиои «Тоҷикистон» маънидод гардида, истифодаи дуруст ва нодурусти бархе воҳидҳои савтӣ, калимаву истилоҳот, категорияҳои семантикӣ ба таври мушаххас таъйину таъкид шудааст.

Нуктаҳои асосии илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда дар диссертатсия ба таври муваффақона ҳаллу фасл шудаанд.

Дараҷаи эътимоднокии таҳқиқи мавриди назар ба дақиқ будани маълумот, фаровонии ҳаҷми маводи таҳқиқ ва коркарди натиҷаҳои бадастомада ва ҳаҷми интишорот алоқаманд мебошад. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд, муътамад ба назар мерасанд ва қобили пазириш мебошанд.

Аҳаммияти илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқ то андозае халои мавҷуд дар вежагии ҷанбаҳои назарии забони ВАО-ро пур карда, барои дарёфти маълумоти назарию амалӣ оид ба таърихи ташаккул, забон ва услуби барномаҳои фарҳангию фароғатии радиои «Тоҷикистон» ба алоқамандону ниёзмандон мусоидат менамояд. Таҳқиқи мавриди назар метавонад ба таҳқиқоти минбаъда дар ин замина роҳ боз намояд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он ба мушоҳида мерасад, ки натиҷаҳои он имкон дорад дар таълими курсу семинарҳои махсус, корҳои амалӣ аз фанҳои медиалингвистика, лексикология, фразеология ва услубшиносӣ, таълифи дастурҳои таълим оид ба забони ВАО ва дар маҷмуъ дар таълиму тарбияи рӯзноманигорони ҷавони насли Истиқлол мусоидат намояд.

Сохтори диссертатсия вобаста ба мақсаду моҳияти мавзуи мавриди таҳқиқ тарҳрезӣ шуда, аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия (с. 4-18) мубрамии мавзуи таҳқиқ асоснок гардида, дар бобати дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва қисматҳои дигари анъанавӣ ба таври фишурда сухан меравад.

Боби аввали диссертатсия «Барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои "Тоҷикистон" ва хусусиятҳои савтии матнҳои он» (с. 19-56) ном дошта, аз ду фасл иборат аст.

Фасли аввали боби якум "Аз таърихи ташаккули барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ" унвон дошта, дар он ба таври фишурда таърихи ташаккули барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, таъкид шудааст, ки идораи барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ дар тули 91 соли фаъолияташ

ҳазорон барномаи бунёдии гуногунжанрро таҳияву пахш кардааст, ки метавон гуфт дар тарбияи ахлоқии мо нақши назаррас доранд. Барномаҳое чун "Гуфтори адабӣ", "Минбари адиб", "Дурдонаҳои адабиёти классикӣ", "Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад", "Гулчин", "Адаб", "Панди бузургон", "Забон ва ҳусни баён", "Гулшани адаб", "Сафинаи ниёгон", "Рангинкамон", "Сумане аз чамане", "Ёднома", "Шакарханд", "Насиҳат гӯш кун, ҷоно", "Гулбонги нимашаб", "Қиссаҳои шабафрӯз", "Фурӯғи субҳи доной", "Гулафшон" ва ғ. аз ҳамин қабиланд.

Дар ҳамин фасл диссертант барномаҳои фарҳангию фароғатии радиои "Тоҷикистон"-ро дар робита ба марҳилаҳои рушд ба панҷ давра гурӯҳбандӣ намуда, вобаста ба махсусияти ҳар давра онҳоро шарҳу тавзеҳ додааст.

Фасли дуюми боби аввали диссертатсия "Хусусиятҳои савтии матни барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ" ном дорад. Дар ин фасл матни барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ аз нигоҳи савтӣ ва вежагии ҳодисаҳои овоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар мавриди созгории матн ва шеваву оҳанги баён сухан меравад. Андешаҳои муаллифи диссертатсия дар заминаи созгории матн ба шеваву оҳанги баён ҷолиб ва қобили мулоҳиза ба назар мерасад.

Боби дуюми диссертатсия "Хусусиятҳои услубии воҳидҳои луғавӣ ва фразеологӣ дар матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои "Тоҷикистон" (с. 57-119) ном дорад.

Дар фасли аввали ин боб зери унвони "Забони ВАО ҷузъи муҳимми забони адабӣ" хусусиятҳои забони ВАО ҳамчун ҷузъи муҳимми забони адабӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Диссертант дар ин фасл панҷ хусусияти зерини забони ВАО-ро таъкид кардааст: 1) корбасти ифодаҳои устувор, ифодаҳои махсуси рӯзноманигорӣ, ифодаҳои маҷозӣ, истилоҳот ва номҳои муқаррарӣ ва ғ.; 2) муассирии забон ҳамчун василаи ҷалб кардани таваҷҷуҳи хонанда, ифодаи муносибат ба иттилооти интиқолшаванда, изҳор намудани баҳои мусбат ё манфӣ; мавҷудияти тавсифҳои баҳодиҳанда; муроҷиати бевосита ба хонанда ва ё шунаванда; 3) мавҷудияти калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои миллӣ – реалияҳои гуногун (ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ), суханони киноявӣ (аллюзияҳо) (ба адабиёт, таърих, синамо ва ғ.) ва иқтибосот; 4) истифодаи васеи фразеологизмҳои образнок ва лексикаи идиоматикӣ (калимаҳои адабӣ, гуфтугӯйӣ), аз ҷумла идиомаҳо, суханбозӣ, таҷнис,

зарбулмасалу мақолҳо; 5) корбурди фаровони воситаҳои услубӣ, санъатҳои бадеӣ – муболиға, ташбеҳоти образнок, метафора, метонимия, паронимҳо (хусусан, дар матни рекламаҳо), киноя, эвфемизмҳо ва ғ.

Фасли дуюми боби дуюм «Таркиби луғавии барномаҳо» ном дорад ва аз панҷ зерфасл иборат мебошад. Зерфасли аввали фасли дуюм ба мавқеи калимаҳои аслӣ ва иқтибосӣ дар барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои "Тоҷикистон" бахшида шудааст.

Дар зерфасли дуюми фасли дувум мутаносибан лексикаи умумиистеъмол дар матни барномаҳо, дар зерфасли сеюм калимаҳои адабии китобӣ дар матни барномаҳо, дар зерфасли чорум калимаҳои гуфтугӯйӣ дар матни барномаҳо ва дар зерфасли панҷум калимаҳои куҳнаву таърихӣ дар матни барномаҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Фасли сеюми боби дуюм бошад, «Хусусиятҳои услубии воҳидҳои фразеологӣ дар матни барномаҳо» ном дорад ва ба таҳқиқи хусусиятҳои услубии воҳидҳои фразеологӣ бахшида шудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Категорияҳои семантикӣ дар матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои "Тоҷикистон"» (с. 120-152) ном дорад ва аз се фасл иборат мебошад.

Дар фасли аввал калимаҳои сермаъно дар матни барномаҳо ва нақши калимаҳо дар дақиқ ва саҳеҳ ифода кардани матлаб таҳқиқ шудааст.

Дар фасли дуюми ин боб хусусиятҳои услубии муродифот дар матни барномаҳо ва дар фасли сеюм мавқеи калимаҳои муқобилмаъно дар матни баномаҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар қисмати хулоса (с. 153-157) натиҷагириҳои муаллифи диссертатсия аз таҳқиқи дар ин замина анҷомдодаи ӯ баён гардида, оид ба истифодаи амалии онҳо тавсияҳои муфид пешниҳод шудааст.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расонидааст. Ҳамзамон, унвонҷӯ нукоти асосии мавзуи таҳқиқро дар конференсия ва семинарҳои гуногуни илмию амалии донишгоҳию ҷумҳуриявӣ дар шакли маъруза пешниҳод кардааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаи таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз салоҳият ва лаёқати илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Дар баробари дастовардҳои назаррас диссертатсия аз нуқсону норасоиҳо низ орӣ нест, ки ба пиндори мо рафъи баъзе аз онҳо дар фаъолияти минбаъдаи илмии муаллиф аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

1. Мувофиқи мақсад мебуд, агар муаллиф дар муқаддима дар бораи мафҳуми медиалингвистика ё забоншиносии васоили мувосилот ё забоншиносии расонаҳо, ки диссертатсия дар ҳамин замина таълиф шудааст, ҳамчунин пешина, ҳолат ва дурнамои рушди ин соҳаи забоншиносӣ дар Тоҷикистон ба таври мухтасар изҳори назар мекард.

2. Беҳтар аст дар охири номи боби аввал пасванди аломати ҷамъи -ҳо илова карда шавад, яъне «Барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои "Тоҷикистон" ва хусусиятҳои савтии матнҳои онҳо». Тавзеҳан чунин тарзи ифодаи муаллиф, яъне дар шакли танҳо ифода кардани матлабе, ки бояд аз рӯйи қаринаи матн дар шакли ҷамъ оварда шавад, имрӯз дар ВАО зиёд ба назар мерасад.

3. Ба расми маъмули баъзе рӯзноманигорони суханбоф дар баробари устод Айнӣ, Т.Зеҳнӣ, Р.Ҳошим, Н.Маъсумӣ, М.Шакурӣ ва дигар донишмандони машҳур "забоншиносону адабиётшиносони маъруфи тоҷик" ном бурдани баъзе муҳаққиқони ношинохта (с.7) саҳеҳ ба назар намерасад.

4. Дар диссертатсия хатоҳои услубию имлоию иншоӣ ба мушоҳида мерасанд (с. 3-4, 6, 108, 148...).

Норасоиҳои номбаршуда ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ аҳаммияти таҳқиқи анҷомдодаро халалдор намесозанд, зеро аксари онҳо хусусияти иншоию имлоӣ дошта, ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсир намерасонанд. Диссертатсия таҳқиқи мукаммали баанҷомрасида буда, дар рушди забоншиносии тоҷик, ба хусус соҳаи нави он – забоншиносии расонаҳо саҳми арзанда мегузорад.

Диссертатсияи Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, масъалаҳоеро фаро мегирад, ки дар забоншиносии тоҷик дорои аҳаммияти бузурги назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Мансурова Моҳчеҳра Абдусаломовна дар мавзуи «Хусусиятҳои савтӣ ва луғавию фразеологии матни барномаҳои фарҳангиву фароғатии радиои «Тоҷикистон» кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илми филология,
узви вобастаи АМИТ,
сарходими илмии Институти
забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ **Султон Ҳасан Баротзода**
« » ноябри соли 2022

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21
(+992) 37227-29-07, 221-70-30
E-mail: iza_rudaki17@mail.ru
Тел: 93-526-98-05

Имзои Султон Ҳ.Б.-ро тасдиқ мекунам:
нозири шуъбаи кадри Институти
забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ **Ҳ. Нарзиқулова**
«30» ноябри соли 2022